**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.**

**ТАҚРИЗИ**

**автореферати Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Мубрам будани мавзӯи таҳқиқшаванда дар он таҷассум меёбад, ки ташаккули буҷетҳои маҳаллӣ, ки асоси молиявии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад, дар баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии иҷтимоии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз инру ба масъалаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ бахшида шудааст.

Бинобар ин, такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ дар фазои гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ ва муносибатҳои байнибуҷетӣ ба қадри зарурӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурат ва рӯзмарра будани ин таҳқиқотро муайян менамояд.

Дар автореферат дарҷ мегардад, ки такмили механизмҳои идоракунии молияи маҳаллии давлатӣ дар фазои гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ, истифодаи технологияи рақамӣ ва муносибатҳои байнибуҷетӣ кам таҳқиқ гардида ба тавсияҳои илман асоснок ниёз доранд (ҷадвали 1, саҳ. 8).

Муаллиф барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зиёдеро аз қабили омӯзиши низоми идоракунии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ, арзёбии механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ ва вазъи кунунии сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон, муайян намудани самаранокии механизми идоракунии ташаккул ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ, таҳияи алгоритми мониторинги истифодаи буҷети маҳаллӣ, муайян намудани самтҳои такмили механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок дар онҳо, тавсияҳо оид ба самтҳои асосии такмил додани механизмҳои идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ гузоштааст (ҷадвали 9, саҳ. 20).

Муаллиф дар автореферат дуруст қайд намудааст, ки яке аз роҳҳои самарабахши идоракунии молияи мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ин амалу татбиқи механизмҳои дурусти он буда, дар

доираи таҳқиқот марҳилаву механизмҳои идоракунӣ, ки тавассути онҳо самаранокии идоракунии молияи мақомҳои дар маҳал қарордошта таъмин мегарданд.

Дар шароити имрӯза таҳлилҳоро муайян намудан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2017-2022 ҳаҷми МММ аз 16003,7 млн. сомонӣ то ба 33832,1 млн. сомонӣ афзуда, ба сари аҳолӣ аз 5125 сомонӣ то ба 9368 сомонӣ ё 1,8 маротиба зиёд гардидааст. Ин тамоюл болоравии сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат ва минтақаҳои онро устувор гардонида, пайваста бо афзоиши аҳолӣ талаботи ҷомеа ба неъматҳои ҷамъиятӣ ва хизмарасониҳои иҷтимоӣ меафзоянд (ҷадвали 2, саҳ. 12).

Қайд кардан зарур аст, ки такмил додани механимҳои идоракунии буҷети маҳаллӣ бо беҳтар намудани маблағгузории буҷети маҳаллӣ, тартиб додани тавсияҳо, такмил додани заминаи ҳуқуқию методии маблағгузории буҷетӣ алоқаманд буда, раванди баланд бардоштани самаранокии идоракунии буҷетӣ қабули қарорҳои буҷетӣ тавассути ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами банақшагирии буҷет ва маблағгузорӣ, коркарди усулҳои самарабахши иштироки аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои буҷети маҳаллӣ мебошад.

Дар баробари бартариятҳои автореферати диссертатсияи аз камбудиҳо холӣ нест, аз ҷумла:

1. Муалиф дар автореферати диссертатсия оиди идоракунии молияи маҳалли ва самтҳои такмили механизмҳои идоракунии барномавӣ-мақсаднок нуктаҳои муҳимро дарҷ намудааст, хуб мешуд, ки алгоритми идоракунии барномавӣ-мақсаднокро дар молияи маҳалли пешниҳод менамуд.

Вале, новобаста аз ин автореферати диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд. Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии идоракунии молияи маҳаллиро дар шароити муосир ифода менамояд.

Умуман, автореферати диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 -

Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои иқтисодӣ профессори
кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷурабоев Ғ.Ҷ.

Дурустии имзои Ҷурабоев Ғ.Ҷ -ро тасдиқ менамояд.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н

**Суроға:**
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: 992(37) 234-88-02
E-mail: info@iutet.tj

Сомона: www. iutet.tj